Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо қарори Агентии омори
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз ____________
тасдиқ карда шудааст

Дастурамали намунавӣ барои тартиб додани ҳисобот оиди истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ (бо тағйироту иловаҳо)

1. Қоидаҳои умумӣ.

Дастурамали мазкур мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» (аз 12 январи соли 2010 таҳти рақами №588) ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи омор, таҳия гардидааст.

Дар асосӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ»
Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- коркарди дастурдиҳии методологӣ ва ҷорӣ намудани нишондиҳандаҳои омориро дар ҷумҳурӣ, бо нишондиҳандаҳои муқоисашаванда, ки дар таҷрибаи байналхалқӣ қабул шудаанд, ба амал мебарорад;

- таркиби асосии нишондиҳандаҳои ҳисоботҳои омории давлатӣ ва идоравиро муайян менамояд;

Фармоишҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ташкил ва пеш бурдани ҳисоби оморӣ барои ҳамаи мақомотҳои давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон, ҳатми мебошад.

Моддаи 8. Ҳуқуқҳои мақомоти омори давлатӣ.

Мақомоти омори давлатӣ ҳуқуқ доранд:

- нишондиҳандаҳои омориро аз тамоми мақомоти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидор, новобаста аз шакли моликияташон, ҳисоботи мӯътамади оморӣ ва муҳосибавиро ба таври ройгон дар мӯҳлати муқарраршуда бо ҳаҷми пурра дастрас намояд.

Дастурамали мазкур барои тартиб додани ҳисобот доир ба истеҳсоли маҳсулоти саноатии корхонаҳои (шахсони ҳуқуқӣ) ҳамаи шаклҳои моликият, ки ба истеҳсоли маҳсулот (молҳо ва хизмат) машғул мебошанд, пешбинӣ шудааст.

1. Ашхоси ҳуқуқӣ (корхонаҳо) шаклҳои ҳисоботи омории давлатиро, чун қоида, ба ҷои қайди давлатиашон пешниҳод мекунанд. Бо истисноии шахси ҳуқуқие, ки дар ҳудуди ягон вилоят ба қайд гирифта шудаасту фаъолияти саноатиро дар ҳудуди ин вилоят амалӣ намегардонад. Дар ин ҳолат

ҳисоботи омори давлатӣ ба ҷой воқеии амали гардонидани фаъолияти истеҳсолӣ – хоҷагидорӣ пешниҳод карда мешаванд.

Корхонаҳое, ки ба истифода дода шудаанду вале маҳсулоти саноатӣ (корҳо, хизматрасонӣ) истеҳсол намекунанд, ё ин ки муваққатан кор намекунанд, бояд ҳисоботи омориро бо нишон додани сабаби истеҳсол накардани маҳсулот пешниҳод намоянд.

2. Шахсони ҳуқуқие (иттиҳодияҳое), ки дар ҳайати худ филиалҳо ё қисматҳои сохторӣ доранд, шаклҳои ҳисоботи омории давлатиро оид ба истеҳоли маҳсулотҳои саноатӣ ба таври зайл пешниҳод мекунанд:

2.1. Аз рӯи ҳар як шахси ҳуқуқӣ (иттиҳодия) дар маҷмӯъ, аз ҷумла ҳамаи филиалҳо ва қисматҳои сохтории шахси ҳуқуқии мазкур, новобаста аз маҳаллӣ ҷойгиршавии онҳо, аз рӯи ҷойгиршавии иттиҳодия (корхонаи асосӣ).

2.2. Аз рӯи корхонаи асосӣ, аз ҷумла танҳо аз рӯи он филиалҳо ва қисматҳои сохторӣ ва ашхоси ҳуқуқии мустақил, ки дар ҳудуди худи ҳамон вилоят корхонаи асосӣ ҷойгир шудааст, (бе филиалҳо, қисматҳои сохторӣ ва ашхоси ҳуқуқии мустақил, ки дар ҳудуди вилояти дигар ҷойгиранду ба иттиҳодия дохил мешаванд) ба маҳали ҷойгирифтаи корхонаи асосӣ.

2.3. Оид ба ҳар як шахси ҳуқуқии мустақил, филиал ва қисматҳои сохторӣ, ки дар ҳудуди вилояти дигар нисбат ба худи иттиҳодия (корхонаи асосӣ) ҷойгиранд, ба маҳали ҷойгирифтаи ин қисматҳо. Дар айни замон, оид ба филиалҳо ва қисматҳои сохторие, ки мутобиқи оиннома, мақоми шахси ҳуқуқӣ тарози (баланси), мустақил надоранд, маълумотҳо оиди нишондиҳандаҳои саноатӣ дар шаклҳои ҳисоботи омори давлатӣ бо арзиш ва ифодаи аслӣ (натуралӣ) инъикос карда мешавад.

2.4 Сеххои корхонаи саноатӣ, ки дар ҳудуди дигар вилоят қарор доранд, мувофиқи Оиннома нисбат ба худи корхона воҳиди сохтори мустақил намебошанд, ба ҳайат ва дар маҳалли ҷойгирифтаи корхона ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба ғайр аз фаъолияте, ки ба саноати истихроҷ ва канданиҳои зеризаминӣ вобастаанд:

- истихроҷи маъдан, ки дар табиат дар намуди ҷинсҳои сахт (ангишт, маъдан, намак), дар намуди моеъ ва газмонанд (нафт, гази табиӣ) вомехӯранд, коркарди кони санг (истихроҷи санг, оҳаксанг, гулгач, бур, рег, шағал, сафедгил, хок, ашёи хоми маъданӣ барои саноати кимиё ва ғайраҳо), истеҳсоли чӯбу тахта, захира кардани об аз манбаъҳои зери заминӣ, ҳамчунин ҳамаи намудҳои фаъолияти иловагӣ бо мақсади тайёр кардани маводҳои ашёи хом барои фурӯш (майда кардан, бастабандӣ кардан, ба навъҳо ҷудо кардан) мебошанд. Аз рӯи намудҳои фаъолияти саноатӣ оид ба маҳаллӣ ҷойгирифтаи ин сеххо, қитъаҳо, истеҳсолот, яъне аз рӯи истихроҷи ҳақиқӣ (истеҳсолот) ҳисобот пешниҳод карда мешавад, на аз рӯи вилояте, ки дар онҳо корхонаи саноатӣ (шахси ҳуқуқӣ) ҷойгир шудаасту дар тарози (баланси) вай маъдан, шахта (кон), қитъа, коркарди маъдан (карер), қитъаи

коркарди чӯбу тахта қарор дорад. Дар ин маврид, маълумотҳо аз рӯи арзиши ин истеҳсолот чун қоида, бо масрафи истеҳсолии онҳо баробар қабул карда мешавад.

3. Шаклҳои ҳисоботи омории давлатӣ оид ба маҳсулоти саноатӣ дар асоси маълумотҳои муътамадӣ ба ҳисобгирии аввалия (борхатҳо ба маҳсулоти тайёр, акти аз нав барӯйхатгирии истеҳсолоти нотамом ва ғайра) пур карда мешавад.

Роҳбарият ашхоси ҳуқуқӣ ва филиалҳо барои саривақтӣ ва муътамад будани маълумотҳое, ки аз рӯи шаклҳои ҳисоботи омории давлатӣ пешниҳод мешаванд, ҷавобгар мебошанд. Дар варақаҳои шаклҳо бо тартиби ҳатми санаи фиристодани ҳисобот ва имзои роҳбар бояд нишон дода шавад.

4. Ҳангоми пур кардани ҳамаи фаслҳои ҳисобот талаботи асосӣ инҳо мебошанд:

- мӯътамадии маълумотҳо;
- пурра пур кардани ҳисоботҳо;
- муқоисаи пурраи маълумотҳои ҳисоботи соли ҷорӣ нисбат ба маълумотҳои ҳисоботи ҳамин давраи соли гузашта.

Дар ин маврид маълумотҳо барои давраи дахлдори соли гузашта, ки дар ҳисоботи соли ҷорӣ оварда шудаанд, бояд бо маълумотҳои ҳисоботи пешниҳод шудаи ҳамин давраи соли гузашта мувофиқат кунанд, ғайр аз ҳолатҳои аниқ кардани маълумотҳои соли гузашта бо ҳисоботи солона ё тағйирёбии сохтори корхона дар соли ҷорӣ, методологияи муайянкунии нишондиҳандаҳо ва нархҳои ҷории фурӯш. Ҳамаи ҳолатҳои фарқияти маълумотҳо барои як ё ҳамон давра бояд дар шарҳу эзоҳи шакл баён карда шаванд.

Ҳангоми тағйир ёфтани методологияи ташаккулёбии нишондиҳандаҳо дар соли ҳисобот, инчунин тағйироти сохтори корхонаҳо, маълумотҳо дар бораи давраи дахлдори соли гузашта, бо назардошти методология ва сохтори дар соли ҳисобот қабулшуда оварда мешаванд.

Агар тағйирёбии методологияи муайян кардани ҳаҷми маҳсулот ва сохтори корхона дар давоми сол ба вуҷуд омада бошад, он гоҳ маълумотҳо доир ба маҳсулот, бо назардошти методология ва сохтори нав аз авали соли ҳисобот оварда мешавад, аз он ҷумла давраи то тағйирёбии методология ва сохтори ташкилӣ низ нишон дода мешавад. Маълумотҳо барои давраи дахлдори соли гузашта низ мутобиқи методология ва сохтори нави корхона оварда мешаванд.

5. Дар ҳисоботҳои оморӣ маълумотҳо дар мӯҳлати муқарраргардидаи вақту давраи тақвимии ҳисобот ба таври қатъи оварда мешаванд. Масалан, маълумотҳои моҳи ҳисобот дар давраи аз аввал то охири рӯзи моҳи ҳисобот тартиб дода мешаванд.

6. Дар мавриди зарурӣ, вазорат (идора), ҷамъиятҳои саҳоми (ки филиал ва воҳидҳои сохторӣ доранд) дар асоси дастурамал барои тартиб додани ҳисоботи маҳсулоти саноатӣ, ба дастурамали зикршуда иловаҳо тайёр

мекунанд, хусусиятҳои соҳавиро инъикос намуда, ва онро бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда, бо тартиби муқарраршуда тасдиқ мекунанд.

7. Ҳангоми азнавташкилкунӣ ё тағйирёбии сохтори корхона, маълумотҳо оиди ҳаҷми маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) бо тартиби зерин муайян карда мешаванд:

7.1. Корхонаҳои саноатӣ, ки барои идора кардан ба дигар ташкилот дода шудаанд, ҳисоботи омориро аз рӯи шаклҳо, методология ва нархҳое пешниҳод мекунанд, ки барои ташкилотҳо муқаррар шудаанд. Маълумотҳо оиди ҳаҷми маҳсулот барои давраи дахлдори соли гузашта бо назардошти тағйирёбии сохтори корхона, методологияи баҳисобгирӣ ва нарх мутобиқи тобеияти нав боз ҳисоб карда мешаванд.

7.2. Корхонаи мустақил, ки аз ҳайати он қисматҳои алоҳида (истеҳсол, сех, қитъа ва ғайра) ба тарози (баланси) мустақил ба қисматҳои ҷудогона (корхонаҳо), ё ба дигар корхона ҷудо карда шудаанд ё дода шудаанд, лекин маҳсулоти дар ин қисматҳои истеҳсол кардашуда, то ҷудошавӣ ё ба дигар корхона супориданашон ба эҳтиёҷоти саноати-истеҳсолии дар дохили корхонаи мазкур равон мешуд, ҳисоботро бо ворид сохтани нишондиҳандаҳои фаъолияти қисматҳои ҷудошуда ё супоридашуда (то лаҳзаи ҷудошавии онҳо) тартиб медиҳад.

7.3. Корхонаи дар заминаи қисматҳо асосёфта, ки аз дигар корхона, ё воҳиди сохторӣ ё аз ҳайати иттиҳодия (дар банди 7.2. овардашуда) ҷудо карда шудааст, ҳисоботи моҳонаро аз лаҳзаи ҷудошавиаш ба тарози мустақил бе дохил намудани нишондиҳандаҳои ин қисматҳо, воҳидҳои сохтор то ҷудошавии онҳо пур мекунад. Дар ин маврид, корхонаҳои нишондодашуда маълумотҳои соли гузоштаро нисбат ба маълумотҳои давраи соли ҳисоботи, баъди ҷудошавии қисматҳо, воҳидҳои сохторӣ дар тарози мустақил, нишон медиҳанд.

Ба ҳамин тартиби дар банди боло зикршуда иттиҳодияҳое, ки аз ҳайаташон корхонаҳо ҷудо карда шудаанд, ҳисобот тартиб медиҳанд.

7.4. Агар аз ҳайати корхона қисматҳои алоҳида ба тарози мустақил ҷудо карда шуда бошанд ё ба дигар корхона дода шуда бошанд ва маҳсулотеро, ки ин қисматҳо то ҷудошавиашон истеҳсол кардаанду ба берун фурӯхтаанд, он гоҳ, корхонаҳое, ки қисматҳоро супоридаанд, бо истиснои нишондиҳандаҳои фаъолияти қисматҳои ҷудошуда (супоридашуда), ҳисоботҳои ҳамаи давраҳои гузаштаи (то ҷудошавӣ) соли ҳисоботӣ ва барои ҳамаи давраҳои соли гузашта тартиб медиҳанд.

7.5. Корхонае, ки дар заминаи қисматҳои ҷудошудаи дигар корхона ё воҳидҳои сохторӣ, аз ҳайати иттиҳодияҳои (дар банди 7.4. нишондодашуда) ҷудошудаанд, бо ҳамроҳ кардани нишондиҳандаҳои фаъолияти ин қисматҳо, воҳидҳои сохторӣ аз аввали сол, яъне давраи то ҷудо нашудани онҳо ба тарози мустақил, ҳисобот тартиб медиҳанд. Оид ба ин корхонаҳо

маълумотҳои ҳисобот барои давраи дахлдори соли гузашта низ ҳамин хел аз аввали сол оварда мешаванд.

7.6. Иттиҳодия ҳангоми барҳамхӯрии корхонаҳои тобеаш ва ба ҳайати воҳидҳои сохтори дохилшуда, бе истисноі нишондиҳандаҳои корхонаҳои барҳамхӯрда ва воҳидҳои сохтори барои давраҳои гузаштаи (то барҳамхӯрӣ) соли ҳисобот ва давраҳои дахлдори соли гузашта ҳисобот тартиб медиҳад.

7.7. Ҳамгоми барҳам хӯрдани қисмҳои ҷудогонаи корхона, маълумотҳо дар бораи истеҳсоли маҳсулоти ин қисмҳои барҳамхӯрдаи корхона аз маълумотҳои дар бораи истеҳсоли маҳсулоти давраҳои гузаштаи (то барҳамхӯрӣ) соли ҳисобот ва давраи дахлдори соли гузашта хориҷ ё истисно карда намешаванд.

8. Ҳангоми барҳамхӯрии корхона ҳисоботи ҷамъбастӣ умуман ва дар минтақаҳои ҳудудӣ бе истисноі нишондиҳандаҳои ин корхонаҳо барои давраи гузаштаи (то барҳамхӯрӣ) соли ҳисобот ва барои давраи дахлдори соли гузашта тартиб дода мешаванд.

9. Ғайр аз ин, корхона метавонад бо сабаби оғоз ёфтани ҷараёни муфлисшавӣ фаъолияташро қатъ кунад.

Агар дар натиҷаи муфлисшавӣ ба корхона қоидаи санация ҷорӣ карда шавад, он гоҳ корхона пешниҳоди ҳисоботро барои тамоми давраи муфлисшавӣ (санации) қатъ намекунанд, инчунин ба ҳисобот нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаро барои давраи аввали сол ва барои давраи дахлдори соли гузошта ҳамроҳ мекунад.

Агар нисбат ба корхонаи муфлисшуда тартиботи азнавсозӣ истифода бурда шавад, он гоҳ корхона оиди барҳамхӯрии (фурӯши) пурраи дороиҳо ва бекор кардани қайдҳо дар рӯйхати давлатии ашхоси ҳуқуқӣ, ҳисоботро пешниҳод мекунад, дар ин маврид маълумотҳоро барои давраи охирони ҳисоботи соли ҷорӣ ва маълумотҳои дахлдори соли гузаштаро такрор мекунад.

Корхонаҳои аз нав ташкилёфта (дар заминаи дороиҳои муфлисшуда) ҳисоботи омориро аз вақти ба қайдгирии онҳо ба қайди давлатии ашхоси ҳуқуқӣ ва аз аввали фаъолияти истеҳсолии худ ҳисоботи оморӣ пешниҳод мекунанд.

**2. Таркиби ҳаҷми маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) ва муайян намудани омодагии он.**

10. Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ умуман ва аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ҳамчун маҷмӯи маълумотҳо дар бораи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, кор ва хизматрасонии хусусияти саноатӣ дошта, ки ашхоси ҳуқуқӣ ва қисматҳои алоҳидаи онҳо, новобаста аз шакли моликият, истеҳсол мекунанд, муайян карда мешавад.

Ҳаҷми маҳсулоти корхонаи саноатӣ аз рӯи усӯли завод бе арзиши гардиши дохилии завод муайян карда мешавад.

11. Гардиши дохили заводи корхона арзиши ҳамон қисми маҳсулоти истеҳсол карда ва маҳсулоти тайёр ва нимтайёр ба шумор меравад, ки дар дохили корхонаи мазкур барои эҳтиёҷоти истеҳсоли-саноатии худӣ (бо истиснои маҳсулоте, ки ба таркиби воситаҳои асосии корхонаи мазкур дохил мешавад) истифода мешавад.

12. Маҳсулотҳо дар ҳамон вақте тайёршуда ба ҳисоб мераванд, ки агар онҳо, пурра дар маҷмӯъ сохта шуда бошанду дақиқ ба (ГОСТ) мувофиқат кунанд, дар сурати вуҷуд надоштани онҳо бо шароитҳои техникӣ, ки бо тартиботи муқарраршуда тасдиқ шудаанд, аз тарафи шӯъбаи назорати техникӣ (ШНТ) ё сохторӣ ба он монанд, ки ӯро иваз мекунад, ба анбори маҳсулоти тайёр супорида мешаванд ва бо сертификат ё дигар ҳуҷҷате, ки сифати маҳсулоти тайёрро тасдиқ менамояд, маҳсулоти тайёр ҳисобида мешаванд.

Агар дар корхона анбори маҳсулоти тайёр мавҷуд набошад, он гоҳ маҳсулот дар лаҳзаи бор карда бароварданаш маҳсулоти тайёр ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар корхонаҳое, ки онҳо орд, ярма, ему хӯроки чорво бехалта нигоҳ дошта мешавад, маҳсулоти номбаршуда дар лаҳзаи воридшавӣ ба анбори зеризаминии маҳсулоти тайёр ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои супоранда, маҳсулоти тайёр ба ҳисоб меравад.

Маҳсулоти истеҳсол кардашуда ба таркиби маҳсулоти тайёр ба ҳисоб гирифта мешавад, агар вай аз рӯи акти қабул тартиб дода шуда бошаду ба анбор, ба фармоишгар то соати 24.00 – и рӯзи охирони моҳ супорида ё ба берун баровардa шуда бошад, маҳсулоти тайёр ҳисобида мешавад.

13. Ба таркиби ҳаҷми маҳсулот (бо нархҳои фурӯши ҷорӣ ва муқоисашавандаи корхона) дар давраи ҳисобот арзиши молҳои зерин дохил мешавад:

- маҳсулотҳое, ки барои (фурӯш) пешбинӣ шудаанд;
- маҳсулотҳои нимтайёре, ки барои коркарди минбаъда пешбинӣ шудаанд;
- кору хизматҳое, ки хусусияти саноатӣ доранд.

13.1. Ба маҳсулотҳое, ки барои фурӯш пешбинӣ шудаанд, арзишҳои зерин тааллуқ дорад:

а) маснуот ва маҳсулоти тайёр, ки дар давраи ҳисобот ҳамаи қисматҳои корхонаҳо (чӣ аз ашёи хом ва масолеҳи худӣ ва чӣ аз ашёи хом ва масолеҳи фармоишгар) истеҳсол карда баровардаанду барои фурӯш ба берун пешбинӣ шудаанд;

б) молҳои истеҳсоли худӣ (масалан, дастгоҳҳо ва асбобҳо) барои васлкорӣ ё таъмири воситаҳои асосии худи корхона ё сохтмонӣ асосии худ ва қисматҳои ғайрисаноатии корхонаи худ.

Агар таҷҳизот, асбобу олот ба васл кардан тааллуқ дошта бошанд, он гоҳ ба ҳаҷми маҳсулот арзиши онҳо мувофиқи тартиботи муқарраршуда баъди тартиб додани ҳуҷҷатҳо (аз он ҷумла акти қабул) ва супоридани таҷҳизот ба шӯъбаи сохтмонӣ асосӣ дохил карда мешавад.

Таҷҳизот, асбобу олоте, ки истеҳсолаш ба охир расидаасту ба васлкорӣ тааллуқ доранд, дар давраи ҳисобот бояд ба қабул пешниҳод карда шаванд.

в) воситаҳои истеҳсоли истеҳсолоти худӣ, ки мувофиқи тартиботи муқарраршуда ба воситаҳои асосии корхонаи мазкур барои ба ҳисоб гирифтан пешбинӣ шудаанд;

г) маҳсулотҳои истеҳсоли худӣ, ки барои додан ба кормандони худ ба ҳисоби музди меҳнат дар шакли аслӣ (натуралӣ) истифода мешаванд.

13.2. Ба маҳсулоте, ки барои аз нав коркарди минбаъда таъин шудаанд, арзиши зерин тааллуқ дорад:

а) маҳсулоти нимтайёри коркарди худӣ ва маҳсулоти истеҳсоли ёридиҳанда ва иловагӣ, ки дар давраи ҳисобот, барои берун барои сохтмони асосии худӣ ва қисматҳои ғайрисаноатии худи истеҳсол карда шудаанд, сарфи назар аз он, ки онҳо дар давраи ҳисобот ё барвақтар истеҳсол карда шудаанд;

б) маҳсулоти сарироҳӣ (вобаста), ки дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти асоси гирифта шудаасту, бе коркарди минбаъдаи корхонаи мазкур дар берун фурӯхта мешавад (кунҷора, тилф, сабус, дуғ, зардоб, ғӯла, тилфи лаблабӯи қанд ва ғайра).

13.3. Ба корҳои (хизматрасониҳои) хусусияти саноатӣ дошта, ки бо қувваи худӣ аз рӯи фармоиши беруна ё барои хоҷагиҳои ғайрисаноатӣ ва ташкилоти корхонаи худ иҷро карда шудаанд, дохил мешаванд:

а) корҳои оид ба аз нав коркарди ашёи хоми фармоишгар (чоп ва нашр дар саноати матбаа, аз нав коркарди найшакар, лаблабӯи қанд барои истеҳсоли қанд, аз нав коркарди ғалла, истеҳсоли фулузоти ранга ва қиматбаҳо (тилло, нуқра), аз ҷумла истеҳсол аз оҳанпора ва ғайраҳо), маснуоти саноати сабук ва хӯрокворӣ ва дигар соҳаҳо ғайр аз ашёи хоми пахта, тамокуи фармоишгар барои корхонаҳои пахтатозакунӣ ва ферментонӣ. Дар ин маврид, арзиши ашёи хом ва маводе, ки ба заводи истеҳсолкунанда-тайёркунанда пардохта нашудааст, ба ҳаҷми маҳсулоти тайёр кардашуда ҳамроҳ карда намешавад. Дар мавриде, ки агар корхонаи фармоишгар ба пардохт барои хизмат бо корхонаи истеҳсолкунандаи маҳсулоти тайёр ё як қисми маҳсулоти тайёр, ки дар вақти аз нав коркарди ашёи хоми фармоишгар истеҳсол карда шудааст, ҳисобу китоб мекунад, дар он сурат ба ҳаҷми маҳсулоти тайёр кардаи заводи истеҳсолкунанда арзише ҳамроҳ карда мешавад, ки баробари арзиши маҳсулоти тайёр, ба андозаи дар қарордоди байни фармоишгар ва истеҳсолкунанда пешбинӣ шудааст, аз он ҷумла арзиши ашёи хоми фармоишгар, ки барои истеҳсоли ин ҳаҷми маҳсулоти тайёр хароҷот шудааст, ҳамроҳ карда мешавад.

Маснуоти тайёре, ки дар корхонаи-тайёркунанда истеҳсол карда мешаванд, дар шаклҳои ҳисоботи омории давлатӣ дар бораи истеҳсоли маҳсулот, аз ҷумла маълумот дар бораи маҳсулоте, ки ба фармоишгар супорида шудааст бо ифодаи натуралӣ дар ҳаҷми пурра инъикос карда мешаванд.

б) хизматрасониҳое, ки ба истихроҷи нафту газ вобастагӣ доранд (омода сохтани сахроҳои нафту газдор, пармакунии чоҳҳо, сохтани манораи заминпармагарӣ, таъмир ва аз навсозии он, сементкунии қубурҳои шинондашудаи чоҳҳои нафту газ, бо насос кашида баровардан, маҳкамкунӣ ва барҳамдиҳии чоҳҳо);

в) хизматрасонӣ оид ба тақсимоти қувваи барқ ва гармӣ, сӯзишвории газмонанд дар қубурҳои (ба истиснои қубурҳои хатҳои асосӣ), обҳо, таъмини буғ ва оби гарм;

г) амалиёти ҷудогона оид ба хушсифатгардонии маснуот, ба монанди коркарди ҷузъии масолеҳ, порчаҳо ва қисмҳо, пурра ба охир расонидани омодагӣ, ки аз тарафи корхонаҳои дигар тайёр карда шудаанд (рангмолӣ; зарандудкунӣ; сикказанӣ; кандакорӣ; буриши тахта, шиша, қоғаз, сим ва дигар масолеҳ, бо андозаи меъёр арракунӣ ва рандакунии тахта; коркарди ҳарорати; ҷилодиҳӣ; рӯҳандудкунӣ; ғолибгарӣ; тезобдиҳӣ (дорузанӣ) чокбурии матоъ, аз ҷумла чокбурии рӯйпуши мебел, матои кашбофӣ; чарм, куккунӣ ва гулдузии маснуот; ҷо ба ҷо кардан, бастубанд ва қоғазпечкунии маҳсулот ва ғайра).

д) дар корхонаҳои – оҳанпора супорандаҳо, ки ба тайёр кардани оҳанпора ва партовҳои фулузоти сиёҳ ва ранга, вагонҳои фарсудашудаи роҳи оҳан, автомобилҳо машғуланд, инчунин ба хизмати коркарди дубораи ашъёи хоми ғайрифилизӣ (масалан, азнавсозии резин, барқарорсозии рӯйкаши мошинҳои пневматикӣ), расонидани онҳо то ба талаботи стандартӣ ва супоридани онҳо ба дигар корхонаҳо бевосита барои коркард;

е) таъмир ва навкунии таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт, механизмҳо, асбобҳо ва дигар маҳсулотҳо;

ж) васлкунӣ, ба кордорорӣ ва танзими таҷҳизоти фармоишгар, чӣ таҷҳизоти худӣ ва чӣ таҷҳизоти фармоишгар, инчунин корҳои васлкунӣ ва батартибдарорӣ, ки фармоишгар бо қувваи ҳайати коркунони истеҳсоли-саноатӣ ба амал бароварда мешаванд. Ба кору хизматҳои хусусияти саноатӣ дошта корҳои навкунӣ ва таҷдиди таҷҳизот, васоити нақлиёт, асбобҳои ченкунанда, механизмҳои худӣ тааллуқ доранд, агар дар натиҷа аз нуқтаи назари техникӣ беҳтар шаванд ё муҳити аввалияи интизоридоштаи хизмати онҳо хеле тулонӣ давомдода шавад;

з) корҳои оид ба истеҳсоли маҳсулот (маснуот) бо силсилаи истеҳсолии дурру дароз, ки истеҳсолашон дар давраи ҳисобот ба охир нарасидааст.

Дар ин маврид, дар ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (кор, хизматрасонӣ) арзиши корҳои иҷрошуда бо фоиз аз рӯи омодагии техникӣ дар давраи ҳисобот муайян шуда метавонад.

Аз рӯи мошинҳо ва таҷҳизоти силсилаи истеҳсолашон дурру дароз ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (кор, хизматрасонӣ) дохил кардан лозим аст:

- арзиши қисмҳои маҷмӯъкунандаи васлшудаи таҷҳизоти бор карда баровардашуда ва аз тарафи фармоишгар пардохташуда, ки мутобиқи тартиботи муқарраршуда то охири истеҳсолот қабул кардашуда ва бор карда даровардани таҷҳизот умуман, агар мувофиқи шартҳои дар қарордоди имзошуда бо фармоишгар ва ба он хусусиятҳои пешниҳодшуда (бо нишон додани арзиши қисмҳои васлшуда), инчунин мувофиқи меъёрҳои (стандартҳои) муқарраршуда бо шароитҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои техникӣ, ки истеҳсол, таъмин ва коркарди ин таҷҳизот бо қисмҳои ҷудогонаи васлкорӣ пешбинӣ шудаанд.

Тайёр будани давраҳои пардохт бо актҳои, аз тарафи намояндагони истеҳсолкунанда ва фармоишгар имзо шуда, тасдиқ карда мешаванд. Давраи охирини пардохт (супурдан) ба ҳаҷми маҳсулот (кор, хизматрасонӣ), баъди имзои акти қабул дар техникаҳои боркашон дохил карда мешавад.

14. Корҳои (хизматрасониҳои) хусусияти саноатӣ дошта танҳо баъди пурра ба охир расидани онҳо ва қабули корҳои иҷрошуда бо ҳуҷҷатҳои зарурии тартиб додашуда, ба ҳаҷми маҳсулот дохил мешаванд.

Корҳо, хизматрасониҳои хусусияти саноатӣ дошта ба ҳаҷми маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда аз рӯи арзиши онҳо, аз ҷумла арзиши маҳсулоти ёридиҳандаи худӣ, қисмҳо, порчаҳо, қисмҳои эҳтиётии масрафшуда дохил карда мешаванд, аммо бе арзиши маснуот ва масолеҳи аз фармоишгар гирифташуда барои коркард, таъмир ё пурра ба охир расонидани омодагӣ.

15. Арзиши маҳсулоти ёридиҳанда ва истеҳсолоти саноати ёридиҳанда (таъмироти, борҷомаҳо ва ғайра), ки дар торози корхона қарор доранд, дар асоси худи маҳсулоти сеххҳои асосии корхонаи мазкур ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Арзиши маҳсулот ва истеҳсолоти ёридиҳанда, ки барои эҳтиёҷоти саноати-истеҳсолии корхона истеъмол шудаанду, дар тарози онҳо қарор доранд, ҳамчун гардиши дохили завод ба назар гирифта мешавад ва ба ҳаҷми маҳсулот дохил карда намешаванд (арзиши иловагии маҳсулоти тайёр, барои истеҳсоле, ки ин маҳсулот масраф шудааст). Арзиши маҳсулоте (аз ҷумла қувваи барқ, қувваи гармӣ, буғ, газ, об, ҳавои фишурдашуда, асбобҳо, синка, қолибҳои рехтагарӣ, намунаҳо), ки ба берун, ба сохтмони асосии худ ва ба қисматҳои ғайрисаноатии корхонаи худ баровардa шудаанд, ба ҳаҷми маҳсулот бо қоидаҳои умумӣ дохил карда мешаванд.

16. Маҳсулоте аз ашёи хом ва масолеҳи истеҳсолшуда, ки ба корхонаи истеҳсолкунанда тааллуқ доранд, инчунин аз ашёи хом ва масолеҳи фармоишгар, ки корхонаи истеҳсолкунанда пулашро пардохтааст, ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда бо арзиши ашёи хоми нишон додашуда ва масолеҳи фармошигар дохил карда мешаванд.

Агар маснуот аз ашёи хом ва масолеҳи фармоишгар (аз ашёи хоми фармошгар), истеҳсол шуда бошанду ба корхонаи истеҳсолкунандаи маҳсулоти тайёр пулаш пардохта нашуда бошад, он гоҳ ба ҳаҷми маҳсулот арзиши ин ашёи хом ва масолеҳ дохил карда намешавад.

17. ҳангоми муайян намудани ҳаҷми маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда, арзиши борҷомаҳо ба тарзи зайл ба ҳисоб гирифта мешавад:

- агар арзиши борҷомаҳои истифодашуда барои бастабандии маҳсулоти худ, ба ин маҳсулот қимматтар аз нархи фурӯш пардохта шавад, дар он сурат арзиши чунин борҷомаҳо ба ҳаҷми маҳсулот арзиши иловагии маснуоти тайёр дар ҳамон ҳолате дохил карда мешавад, ки бебозгашти истеҳсоли худи мебошанд, ҳангоме, ки борҷомаҳо харида шудаанд ё баргардонида мешаванд, ба арзиши маснуот дохил карда намешаванд.

- арзиши борҷомаҳои харидашуда аз ҳаҷми маҳсулот баровարда намешавад, агар арзиши борҷомаҳо ба нархи яклухти маснуот бо назардошти шартномаи (созишномаи) басташуда, дохил шуда бошад.

18. Ба ҳаҷми маҳсулоти саноати дохил карда намешаванд:

18.1. Корҳои таъмир ва хизматрасонии техникӣ таҷҳизоти худӣ, инчунин хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои идора ва муҳосибавӣ, мошинҳои ҳисоббарорӣ, системаҳои ҳисоббарорӣ (хизматрасонӣ аз рӯи намуди фаъолияти «Хизматрасонии техникӣ ва мошинҳои идора ва техникаи ҳисоббарор» ба ҳисоб гирифта мешавад);

18.2. Хизматрасонии техникӣ, таъмир ва дигаргун кардани автомобилҳо, таъмир ва иваз намудани чархҳои резинии сурохшуда (дар хизматрасониҳо аз рӯи намуди фаъолияти «Хизматрасонии техникӣ ва таъмири автомобилҳо» ба ҳисоб гирифта мешавад);

18.3. Таъмири асбобҳои шахсӣ ва асбобҳои барқӣ истифодаи хонагӣ, радио, телевизорҳо, магнитофонҳо, мошинаҳои ҷомашӯи, яхдонҳо, чангкашакҳо ва ғайра; чатрҳо, пойафзол; маснуот аз чарм (ҷузъдонҳо, ҷомадонҳо); қолинҳо; либосҳо; соатҳо ва дигарҳо аз рӯи намуди фаъолияти «Таъмири маснуоти истифодаи шахсӣ ва хонагӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Таъмир ва таҷдиди мебелҳо, маснуоти заргарӣ, пойафзол, қолинҳо ва дигар маснуоти шахсӣ ва истифодаи хонагӣ ба фаъолияти саноатие тааллуқ доранд, ки таъмирашон якҷоя бо тайёр кардани маснуот анҷом дода шавад.

18.4. Арзиши маснуот, маҳсулоти нимтайёр ва корҳои дорои хусусияти саноатӣ, ки ба меъёрҳои дахлдор, шартҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои техникӣ мувофиқат намекунанд.

18.5. Арзиши хариду фурӯши маҳсулоти харидашуда, маҳсулоти нимтайёр ва маснуоте, ки ба берун аз корхонаи мазкур бе коркард ё барои аз нав коркард бароварда шудаанд (ҳатто, агар пеш аз фурӯш сифати маҳсулот тафтиш ҳам шавад, ҷо ба ҷо, бастабандӣ ва ба навъҳо ҷудо карда шуда бошанд ва дигар амалиёт ҳам анҷом додашуда бошад).

18.6. Арзиши партовҳои истеҳсолот, ки бақияи ашёи хоми аввалия (параха, буридаҳо ва ғайраҳо)-ро ифода мекунанд, инчунин латтапораҳои баркашида, нукҳо ва ғ. Агар партовҳо фурӯхта шаванд ва дар айни замон пешаки шуста, ба навъҳо ҷудо карда, бастабандӣ карда, барои фурӯш тайёр карда шаванд, он гоҳ ба ҳаҷми маҳсулоти корхона танҳо арзиши корҳои омодасозии партовҳо барои фурӯш дохил карда мешавад, ба шарте, ки ин корҳо бо қувваи коргарони саноати-истеҳсолии корхона иҷро карда шаванд.

18.7. Арзиши маҳсулоте (кор, хизматрасонӣ), ки ба фаъолияти саноатӣ дохил намешаванд ва дар ҳисоботи соҳаҳои дигари иқтисодиёт инъикос мегарданд, аз ҷумла:

- арзиши хизматрасонии ҳамаи намуди нақлиёт;
- арзиши маҳсулоти ғайрисаноатии хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ ва дигар истеҳсолоти хусусияти ғайри саноатӣ дошта (чорвопарварӣ, хоҷагиҳои ғалладонагӣ ва обчакорӣ, маҳсулоти ошхонаҳо), пули нақди мағозаҳо, даромади толорҳо, хонаҳои истироҳатӣ, даромад аз истифодабарии манзилҳои истиқоматӣ ва аз корхонаҳои гуногуни коммуналӣ ва маишӣ (ҳаммомҳо, сартарошхонаҳо, нуқтаҳои кироя ва дигар корхонаҳои ғайрисаноатӣ). Аммо, агар қисматҳои ғайрисаноатӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол кунанд (масалан, гӯшт, равғани растанӣ, масолеҳи сохтмонӣ), он гоҳ вай ба ҳаҷми маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда дохил карда мешавад.

18.8. Арзиши таъмири кафолатдиҳандаи маҳсулоти истеҳсоли худи, инчунин арзиши қисмҳои эҳтиётии истеҳсоли худӣ, ки ба устохонаҳо барои истеҳсоли таъмири кафолатноки маснуот, хориҷ карда шуданду корхонаи мазкур истеҳсол кардааст.

18.9. Арзиши корҳои хусусияти эҷодидошта (офаридани расмҳои аслӣ аз тарафи рассомон, ҳайкалтарошӣ, варақаҳои графика ва ғайра), инчунин ҳамаи намудҳои корҳои бадеӣ-ороишгарӣ (лоиҳаҳои ороишгарӣ ва ороиши осорхонаҳо, витринаҳо, лавҳаҳо, таблиғот ва рекламаҳо дигар корҳои иҷроишӣ).

18.10. Арзиши корҳое, ки барои берун ва барои эҳтиёҷоти дохили шӯъбаҳои хоҷагидорӣ, барои дигар шӯъбаҳои ғайриистеҳсолии корхона иҷро карда мешаванд.

18.11. Арзиши маҳсулоти истеҳсоли худӣ, ки барои санҷиши лабораторӣ ва озмоиш пешниҳод гардидааст, агар дар натиҷа он маҳсулот барои истеъмол ношоям гардидааст.

Агар баъди гузаронидани таҳлили лабораторӣ ё санҷиш, маҳсулот барои фурӯш ба берун пешбинӣ шавад, он гоҳ вай ба ҳаҷми маҳсулоти он давраи ҳисоботе дохил карда мешавад, ки санҷиш ё озмоиш бо риояи талаботи ҷудогонаи тайёр будани маҳсулот ба охир расидааст.

18.12. Арзиши борҷомаҳои таъмирталаб, инчунин масолеҳи фармоишгар, ки ба таъмири борҷомаҳо масраф шудааст (гарчанде корхонае, ки таъмир кардаасту пулашро пардохтааст) ба ҳаҷми маҳсулот дохил карда намешавад.

18.13. Арзиши чӯбҳои тагсарии кардашуда, ки барои ҷо ба ҷо кардани маснуоти оҳану бетони истеҳсоли худӣ ҳангоми ҳамлу нақли онҳо истифода мешаванд.

### 3. Ҳаҷми маҳсулоти (кору хизматӣ) ба фурӯш баровардашуда

19. Ба ҳаҷми маҳсулоти (кору хизмати) ба фурӯш баровардашуда маҳсулоти истеҳсоли худӣ, ки дар давраи ҳисобот амалан ба истеъмолкунандаҳо (аз ҷумла маҳсулоти аз рӯи акт ба фармоишгар дар ҷояш супурда шудааст), кору хизмати иҷро кардашуда, ки фармоишгар қабул кардааст, новобаста аз он ки ба суратҳисоби корхона пул ворид шудааст ё не ҳамроҳ карда мешавад.

Лаҳзаи бор карда баровардан, санаи ҳуҷҷате, ки амалан қабули борро ба ҳамлу нақли нақлиёти ташкилотӣ ё санаи акти супоридашудае, ки дар ҷояш тасдиқ менамояд, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Санаи (рӯзи) бор карда баровардани маҳсулот ҳангоми бор кардани бор ба қабулкунандаи беруна рӯзи супурдани маҳсулот ба мақомоти нақлиёт ё алоқа, ки санаи ҳуҷҷати нақлиёт ё санаи ҳуҷҷати алоқа (борхати молу нақлиёт, квитансияи роҳи оҳан, роҳхати ронанда ва ғайра) – ро муайян менамояд, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳангоми супурдани маҳсулот ба анбори қабулкунанда ё тайёркунандаи ҳуҷҷати боркунӣ, санаи акти қабулу супурдан, борхат ё забонхати молу нақлиёт дар гирифтани маҳсулот мебошад.

20. Таркиби ҳаҷми маҳсулоти ба фурӯш баровардашуда ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) бо нархҳои амалкунанда аз рӯи унсурҳои ба онҳо дохилшуда мувофиқат мекунад.

Ба ҳаҷми маҳсулоти ба фурӯш баровардашуда чунин арзишҳо дохил карда мешаванд:

а) Маҳсулоти тайёре, ки ҳамаи қисматҳои корхона (чӣ аз ашёи хом ва маводи худ, чӣ аз ашёи хом ва маводи фармоишгар) истеҳсол кардаанд ва дар давраи ҳисобот ба берун, ба сохтмони асосӣ ва ба қисматҳои ғайрисаноатии худ, ки ба таркиби фондҳои асосии худӣ (воситаҳо) ба ҳисоб гирифта шудаанд, инчунин ба кормандони худ ба ҳисоби музди меҳнат дода шудаанд;

б) Кору (хизмати) хусусияти саноатӣ дошта, ки бо фармоиши берун барои сохтмони асосии худ ё қисматҳои ғайрисаноатии худ иҷро карда шудаанду дар давраи ҳисобот ба фармоишгар супурда шудаанд, инчунин корҳои супурдашуда оид ба азнавкуни ва таҷдиди дастгоҳҳои худӣ;

в) Маҳсулоти нимтайёри истеҳсоли худӣ, ки дар давраи ҳисобот ба берун, ба сохтмони асосии худ, ба қисматҳои ғайрисаноатии худ боркарда баровarda (дода) шудаанд.

Аз рӯи ҳаҷм маҳсулоти боркарда баровардашуда аз ҳаҷми маҳсулоти (кору хизмат) дар бузургии тағйироти боқимондаҳои маснуоти тайёр дар анбори истеҳсолкунандаи маҳсулот фарқ мекунад.

21. Арзиши маҳсулоте, ки харидор пардохтаасту аммо ҳанӯз бор карда бароварда (дода) нашудааст, дар давраи ҳисобот ба ҳаҷми маҳсулоти боркарда баровардашуда ҳамроҳ карда намешавад. ҳамчунин арзиши маҳсулоти пулаш пардохташуда, ки барои нигоҳ доштану ҳифз дар корхонаи истеҳсолкунанда ба масъулият нигоҳ дошта мешавад, ба ҳаҷми маҳсулоти бор карда баровардашуда ҳамроҳ карда намешавад. Танҳо дар чунин ҳолатҳо истисно карда мешавад:

- дастгоҳи калони инфиродии ба фармоишгар додашуда, ки пулаш аз тарафи фармоишгар пардохта шудааст ва новобаста аз корхонаи тайёркунанда бо сабаби ба масъулияти нигоҳбонӣ монда шудааст, масалан, барои ҷо ба ҷо кардан, васл кардани дастгоҳ майдончаи истеҳсолӣ тайёр карда нашудааст. Дар чунин маврид, агар то ба охир расониданӣ маҳсулоти муқарраршудаи нигоҳбонии масъулиятии дастгоҳ пурра бор карда бароварда нашуда бошад, дар ҳамон моҳи ҳисобот арзиши вай истисно карда мешавад, зеро мӯҳлати нигоҳбонии масъулиятӣ тамом шудааст ва аз давраи аввали сол, сарфи назар аз он ки соли ҷорӣ ё соли гузашта арзиши дастгоҳ ба ҳисоб гирифта шуда буд. Баъди дар амал бор карда баровардани дастгоҳи мазкур арзиши вай ба ҳаҷми маҳсулоти бор карда баровардашуда ба таври умумӣ ҳамроҳ карда мешавад.

- маҳсулоти тайёри содиротӣ, ки барои бор карда баровардан омодаасту мувофиқи дархости фармоишгар ба нигоҳбонии масъулиятнок мувофиқи шартҳои таъмини мол ба содирот қабул карда шудааст.

Масъулияти дар боло нишон додашуда, ки пулашро фармоишгар пардохтаасту аммо ба нигоҳбонии масъулиятнок монда шудааст, ба ҳаҷми маҳсулоти бор карда баровардашуда (кору хизмат) баъди супоридани вай ба фармоишгар ба тартиб додани ҳуҷҷатҳои дахлдор (ваколатнома, акти қабулу супурдан, забонхати ҳифзшуда, шаҳодатнома, ки қабули молро барои нигоҳдории масъулиятнок гувоҳи медиҳанд), ҳамроҳ карда мешавад.

22. Маҳсулоте, ки мувофиқи қарордоди фармоишгар вобаста ба дараҷаи тайёр шудани онҳо давра ба давра пулашро мепардозад, ба ҳаҷми маҳсулоти бор карда баровардашуда дар мавриде, ки ин маҳсулот пурра истеҳсол шудаасту амалан ба истеъмолкунанда бор карда бароварда (дода) шудаанд, ҳамроҳ карда мешавад.

23. Агар корхона маҳсулоти нимтайёр, ашёи хом, қисму порчаҳое истеҳсол кунад, ки (бо пардохти пулаш ё бепардохт) барои коркарди ҷузъӣ ё барои пурра тайёр кардани онҳо ба дигар корхона дода шаванд, баъдан баргашта онҳоро барои тайёр ва истеҳсоли маҳсулот истифода мекунад, дар ин маврид ба ҳаҷми маҳсулоти бор карда баровардашуда танҳо арзиши маҳсулоти тайёр ҳамроҳ карда мешавад, зеро истеҳсоли маҳсулот пурра ба анҷом расида, амалан бор карда бароварда шудааст.

24. Маҳсулоте, ки аз ашёи хому маводи фармоишгар истеҳсол шудаасту ба корхонаи истеҳсолкунанда пардохта нашудааст, ба ҳаҷми маҳсулоти бор

карда баровардашуда арзиши коркард, яъне бе арзиши ашёи хому маводи фармоишгар ҳамроҳ карда мешавад.

25. Маҳсулотҳо оид ба маҳсулоти (кору хизмати) бор карда баровардашуда бе андоз аз арзиши илова оварда мешаванд.

4. **Бақияи маҳсулоти тайёри истеҳсоли худӣ**

26. Дар мавқеи «боқимондаҳои маҳсулоти тайёри истеҳсоли худӣ, ки дар амборҳо дар охири давраи ҳисобот мавҷуданд» боқимондаи маҳсулоти истеҳсолашон пурра анҷомёфта, пурра маҷмӯъ кардашуда, ки аз санҷиш гузаштаанду ба шартҳо ва меъёрҳо (стандартҳо) мувофиқат мекунанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Маҳсулоте, ки ба талаботи нишон додашуда ҷавобгӯ нестанд ва ба корҳои доданашудаи хусусияти саноатӣ мувофиқат намекунанд, мувофиқи истеҳсолоти нотамом нишон дода мешаванд.

Маҳсулоте, ки дар ҷояш барои супурдан ба фармоишгар тааллуқ дорад ва бо акти қабул ҳуҷҷатӣ нашудааст, ба таркиби истеҳсолоти нотамом низ боқӣ мемонад.

27. Маълумотҳо дар бораи боқимондаи маҳсулоти тайёр бе андоз аз арзиши илова ва актсиз оварда мешаванд.

5. **Маҳсулоти фурӯхташуда**

28. Маҳсулоти фурӯхташуда арзишеро ҳамроҳ мекунад, ки барои таъминот пешбинӣ шудаанд ва дар давраи ҳисобот пули маснуоти тайёр ва нимтайёри истеҳсоли худӣ, инчунин кори хусусияти саноатидошта ва хизмати ба берун расонидашуда пардохта шудааст.

29. Ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташуда ба назардошти ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) бо нархҳои амалкунандаи корхона тарҳи боқимондаҳои маҳсулоти нафурӯхта дар охири давраи ҳисобот бо иловаи боқимондаҳои маҳсулоти нофурӯхта дар аввали давраи ҳисобот муайян карда мешавад.

Дар ин маврид зери мафҳуми маҳсулоти фурӯхташуда чӣ фурӯши маҳсулот дар бозор чӣ ҳамчун мубодила таъмини дохили корхона ва ғайра фаҳмида мешавад.

30. Арзиши маҳсулоти фурӯхташуда бо андозаи пардохтаи вай дар ҳолати ҳисобу китоби ғайринақди аз рӯи воридоти маблағ барои молҳо (кору хизматҳо) ба суратҳисоб ба муассисаҳои бонкҳо муайян карда мешавад. Дар мавридҳое, ки дар вақти тартиботи муқарраршуда корхона ҳуқуқ дорад бе восита маҳсулоти тайёри истеҳсоли худашро ба аҳолӣ фурӯшад ё барои аҳолӣ корҳои (хизматҳои) хусусияти саноати доштаро анҷом диҳад, арзиши маснуот ва корҳои анҷомдода ё баровардашуда ба аҳолии ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташуда дар лаҳзаи дохил шудани пул ба хазинаи корхона ҳамроҳ карда мешаванд.

6. **Ҳаҷми маҳсулоти сертификат додашуда**

31. Сертификатикунонии маҳсулот ҳамчун омили муҳимтарини баланд бардоштани қобилиятнокии ҳисоботи маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ ва воситаи самараноки мусоидати содироти маҳсулот ба эътибор гирифта мешавад.

Фурӯши маҳсулот аз тарафи шаҳрвандон ва ашхоси ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият танҳо дар ҳамон вақт иҷозат дода мешавад, ки сертификат мувофиқи шакли муқаррар кардашуда мавҷуд бошад ва аз тарафи Агентии давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология (обуҳавосанҷӣ), сертификатсия ва намояндагии савдо дода шуда бошад.

Ба ҳаҷми маҳсулоти сертификатдор арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда бо нархҳои хориҷшавандаи давраи ҳисобот (бе андоз аз арзиши иловагӣ ва аксиз) мувофиқи сертификати гирифташуда ҳамроҳ карда мешавад.

7. **Дар бораи нархҳое, ки ҳангоми муайян намудани ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) ҷорӣ карда шудаанд.**

32. Ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) бо нархҳои ҷории яклухти корхона бе андоз аз арзиши илова ва андози актсиз муайян карда мешавад:

- бо нархҳои ҷории соли дахлдор;
- бо нархҳои муқоисавӣ – барои муайян намудани дараҷаҳои рушди истеҳсолот, арзёбии таносуби сохторӣ ва баробари ҳудудӣ;

33. Ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаҳои «ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) бо нархҳои ҷории яклухти корхона» маҳсулот ба он нархҳои яклухти корхона муайян карда мешавад, ки дар амал дар ҳамон давраи ҳисобот ҷорӣ бошанд. Дар ҳолати тағирёбии нарх ҳамон маҳсулоте, ки баъди ҷорӣ намудани нархҳои нави ҷорӣ истеҳсол карда шудаанд, мувофиқи нархҳои аз нав ҷорӣ кардашуда баҳо дода мешавад.

Дар ин маврид ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) барои давраи дахлдори соли гузашта бо нархҳои муқоисавии бо ифодаи натуралӣ аз нав ҳисоб кардан зарур аст.

34. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) бо нархҳои муқоисавӣ нархҳои моҳи ҳисобот истифода карда мешаванд. Маълумотҳо барои давраи моҳи дахлдори соли гузашта бо нархҳои амалкунандаи моҳи ҳисобот ҳисоб карда мешавад.

Дар ҳолате, ки агар нархҳои яке аз ҳамон намуди маҳсулот аз рӯи истеъмолкунандаҳо фарқ кунонида шуда бошанд, дар он сурат ҳангоми муайян намудани ҳаҷми истеҳсолот бо ифодаи арзиши моҳи дахлдори соли гузашта муайян карда мешавад, чунин маҳсулот аз рӯи нархҳои миёна, ки дар моҳи ҳисобот амал мекунанд, баҳо дода мешаванд.

35. Маҳсулоте, ки дар биржа (аз рӯи қарордоди қабулшудаи байни биржа ва корхона) фурӯхта шудааст, ба ҳаҷми маҳсулот бо нархҳои амалкунанда барои давраи ҳисобот аз рӯи нархи амалии фурӯхташуда ба истиснои маблағи гузаронидаи биржа мувофиқи қарордоди қабул кардашуда, андоз аз арзиши изофа, андоз аз аксиз ва пуле, ки ба хазинаи суғуртаи иҷтимоӣ (агар ин пардохт аз рӯи ин маснуот анҷом дода шуда бошад) дохил карда мешавад. Ба чунин тартиб маҳсулоти дар издиёд (ауктсиён) фурӯхташуда низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

36. Маҳсулоте, ки корхона истеҳсол кардааст у бо мубодила (бартер) хориҷ карда шудааст, ба истеъмолкунанда ройгон дода шудааст, ба

истеҳсолкунанда барои эҳтиёҷоти ғайрисаноатии худӣ равона карда шудааст, ба кормандони худаш ба ҳисоби музди меҳнат дода шудааст, инчунин барои ҳисоб кардан ба таркиби фондҳои асосӣ (воситаҳо) таъин карда шудааст, ҳангоми ҳамроҳ кардан ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсол кардашуда (бор карда баровардашуда) бо нархҳои амалии хориҷшаванда, аз рӯи нархи миёнаи фурӯши ба ҳамин монанд маҳсулот (кору хизмат), ки дар як моҳ ҳисоб карда шудааст, баҳо дода мешавад, зеро маҳсулоти арзёбишуда бо ҳамон нарх истеҳсол (бароварда) шудааст, дар ҳолати мавҷуд набудани фурӯши ба ҳамин монанд маҳсулот (кору хизмат) дар як моҳ, бо назардошти нархи фурӯши охирини вай, аммо аз нархи арзиши аслии амалии вай камтар, ба ҳисоб гирифта мешавад.

37. Ҳангоми муайян намудани маҳсулот бо нархҳои муқоисавӣ ва ҷорӣ дар давраи ҳисобот ва давраи дахлдори соли гузашта, маснуоти ба содирот содиршаванда, аз рӯи нархҳои аниқи соли ҳисобот бо қурби ҳисоб кардани Бонки миллии Тоҷикистон дар санаи истеҳсолӣ маҳсулот бе андоз аз арзиши изофа ва актсиз баҳо дода мешаванд. Ба ҳаҷми маҳсулоти бор карда баровардашуда маснуоти нишон додашуда аз рӯи нархҳои мушаххаси ҳисобкардаи қурби Бонки миллии Тоҷикистон дар санаи бор кардани маҳсулот дохил карда мешаванд.

38. Маҳсулоте, ки аз рӯи фармоиши якборагӣ истеҳсол карда шудааст бо нархҳои амалии фурӯш баҳо дода мешавад.

39. Ба нисбати аз истеҳсолот гирифтани намудҳои кӯҳнашудаи маҳсулот, ки соли гузашта истеҳсол шуда буданд, ҳангоми тартиб додани маълумотҳо барои моҳи дахлдори соли гузашта ин намуди маҳсулот бояд бо нархҳои соли гузашта боислоҳи индекси нархҳои миёна баҳо дода шаванд, ин ҳолат дар давраи ҳисобот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба гурӯҳҳои дахлдори молҳо ба вуҷуд омада буд, дар мавриди мавҷуд набудани чунин ҳолат – бо назардошти тағйироти нархҳои ба ҳамин монанд маҳсулот, ки дар соли гузашта ва дар соли ҳисобот истеҳсол карда шудаанд, бояд баҳо дода шаванд.

40. Маҳсулотҳо дар бораи истеҳсоли намудҳои ҷудогонаи маҳсулоти саноатии таъиноти истеҳсолию техникӣ, ки бо ифодаи арзишии (асбобу анҷом, дастгоҳ, анҷомҳои ченкунанда, васоити автоматикунонӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ) ба ҳисоб гирифта шудаанд, бо корҳои муқоисавӣ, ки ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаи ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) бо нархҳои муқоисавӣ (бе арзиши изофӣ ва актсиз) қабул карда шудаанд, оварда мешаванд.

41. Маълумотҳо дар бораи истеҳсоли намудҳои ҷудогонаи молҳои истеъмолӣ, маҳсулот, ки бо ифодаи арзишии (мебел, зарфҳои гуногун, маснуоти чорчинворӣ ва ғайраҳо) ба ҳисоб гирифта шудаанд, бо нархҳои хориҷшаванда бе арзиши изофа ва актсизҳо оварда мешаванд.

Барои таъмини муқоисавии маълумотҳои нишон додашуда нишондиҳандаи давраи дахлдори ҳисобот ва соли гузашта бо нархҳои хориҷшавандаи соли ҳисобот оварда мешаванд.

42. Дар мавриде, ки корхона ба тартиб аз дигар корхона корҳоро оид ба истеҳсолот, таъмири маҳсулот нусхагирӣ мекунад, арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда ва молҳои таъмиршудаи ҳар кадом иштироккунанда мувофиқи шароити пешбинишудаи қарордоди байни онҳо ба назар гирифта мешавад. Дар ин маврид, ба назар гирифтан зарур аст, ки асосан ҳаҷми маҳсулоти молӣ (бо нархҳои ҷорӣ ва муқоисавӣ) бо ифодаи арзишии ҳар кадом (аз иштироккунандаҳо) корхона танҳо ба ҳамон қисмати маҳсулот (таъмир) ҳамроҳ карда мешавад, ки бо кормандони саноатӣ – истеҳсолии худашон иҷро карда шудааст: маҳсулотро бо ифодаи натуралӣ ҳамон корхонае ба ҳисоб мегирад, ки амалиёти охиринро иҷро менамояд, бастабандӣ карда ба истеъмолкунанда мефиристад.

8. **Молҳои истеҳсолӣ**

43. Молҳои истеҳсолӣ – маҳсулоте мебошанд, ки чун қоида аҳолӣ онҳоро барои истеҳсолоти шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар хонавода, ҳамчунин дар истеҳсоли моли майда истифода мебарад. Агар молҳо асосан барои истеъмолоти ниҳоии аҳолӣ таъин шуда бошанду аммо як қисми истеҳсол барои коркарди минбаъдаи саноатӣ истифода шаванд, дар он сурат ин моли мазкур ба молҳои истеъмолӣ дар ҳаҷми пурраи истеҳсолот, якҷоя бо микдоре, ки барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ равона карда шудаанд, таалуқ дорад.

44. Молҳои истеъмолӣ бо нархҳои амалӣ ва бо нархҳои муқоисавӣ бе андоз аз арзиши изофа ва андози актсизи дар давраи ҳисобот арзёбӣ карда мешаванд.

Аз хаҷми умумии молҳои истеъмолӣ маълумотҳо дар бораи арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ (бе арзиши маҳсулоти араќу мусалласи ангурӣ ва оби ҷав), молҳои ғайриозуқаворӣ (бе молҳои саноати сабук), молҳои саноати сабук ва маснуоти араќу мусалласи ангурӣ ҷудо карда мешаванд.

45. Ба ҳаҷми истеҳсолоти молҳои ғайриозуқаворӣ ба нархҳои хориҷшаванда (содиршаванда) ҳамроҳ карда мешаванд:

а) молҳои саноати сабук – маснуоти тайёр аз он ҷумла либосҳо ва пойафзолҳои махсуси корӣ ва расмӣ, ҳамчунин муина, маснуоти пустину гӯсфандӣ, бандак, занҷирак, тасма («молния») лулапеч дар ҳаҷми пурраи истеҳсолот, сарфи назар аз самти ба фурӯш, шароити хориҷ намудан ва истифодаи минбаъдаи онҳо;

Калоба аз ҳамаи намудҳои нах, нахи сунъии кашбофӣ, газворӣ кашбофӣ, чарми нарми сунъи, наворҳо, маснуоти муқовасозию ҷилдсозӣ, матоъҳои плашворӣ ва ғайраҳо (аз он ҷумла маснуоти аз нав аз худ кардашуда), маводҳо, халтаҳо аз ҳамаи намудҳои газворҳо ба ҳаҷми молҳои саноати сабук танҳо ба қисми фурӯш ба аҳолӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Ба ҳаҷми молҳои саноати сабук бо нархҳои хориҷшаванда (содиршаванда) ҳамроҳ карда намешаванд:

Борҷомаҳои аз матои зағирпоя ва брезент, маводҳои нобофтаи техникии навъи матоъ, матоъҳои ҷутӣ, матоъҳои вазнини техникӣ аз ҳамаи намудҳои нах, риштаҳои натуралии абрешимӣ дар печониши саноатӣ ва дигар маснуоти ба ҳаминҳо монанд, ки ба аҳолӣ ба фурӯш намераванд.

б) молҳои таиноти фарҳангию маишӣ ва хоҷагӣ ва дигар маҳсулоти тайёри ғайриозуқаворими талаботи истеъмолӣ: дастгоҳҳои маишии барқии радиоӣ, мошинҳо ва асбобҳои газию барқии маишӣ, васоити нақлиёти истифодаи инфиродӣ (ғайр аз автомобилҳои сабукрав) ва асбобу анҷом ба онҳо, молҳои аксбардорӣ ва кино, соатҳои маишӣ, зарф ва асбобҳои ошхона, молҳои хоҷагӣ, асбобу анҷоми боғу обчакорӣ, асбобҳо ва воситаи механизатсияи хурд барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, маснуот аз пластмасҳо, маводҳои рангу лак, нуриҳои маъданӣ ва дигар молҳои кимёвии маишӣ дар борпечҳои майда – хурд, хоначаҳои бустонсарой ва блокҳои хоҷагӣ, унсурҳои галванӣ ва батореяҳо, маснуоти бадеӣ, асбобҳои мусиқӣ, молҳои қоғазу хатнависии идоравӣ, зардевориҳо, бозичаҳо ва ашёҳои эҷодиёти техникӣ, молҳои варзишӣ ва сайёҳӣ, грампластинкаҳо, маҷмӯи костаю дискҳо, маснуоти тоҳирию (санитарию) техникӣ, маснуоти оҳангарӣ ва қулфу калид, маснуоти заргарӣ, сабук, маснуоти ороишию атриёт, чарчинвории филизӣ ва пластмасӣ, доруворӣ, гӯгирд, гулҳои сунъии буридашуда ва дигар молҳо дар ҳаҷми пурраи истеҳсолот, сарфи назар аз фурӯши онҳо, шароити хориҷ намудан ва истифодаи минбаъдаи онҳо.

Маводҳои чопӣ (нашрияҳо: китобҳо, китобчаҳо, маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои даври навъи маҷалла, рӯзномаҳо, нашрияҳои ихтироъкорӣ, харитасозӣ, дигар масруҳоти чопи варақӣ) ба ҳаҷми молҳои истеъмолии ғайриозуқаворӣ дар ҳаҷми пурраи истеҳсолот аз рӯи фаъолияти нашриявӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Автомобилҳои сабукрав, автомобилҳои бӯстонсарой, ядакҳои бӯстонсарой ба ҳаҷми истеҳсоли молҳои истеъмолӣ танҳо ба қисми воридшавии онҳо барои фурӯш ба аҳолӣ ва барои содир намудан ҳамроҳ карда мешаванд, онҳо қисмҳои эҳтиётӣ ва порчаҷо ба онҳо бошад, ба ҳаҷми воридшавӣ ба корхонаҳо, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо барои фурӯш ба аҳолӣ ва гузаронидани корҳои таъмири автомобилҳо, инчунин барои содир намудан ҳамроҳ карда мешаванд;

в) ба маҳсулоти ғайриозуқаворими таиноти истеҳсолию техникӣ дохил карда мешавад:
маводҳои чӯбу тахта, сохтмон ва пардозу ороишӣ, маснуот ва конструксияҳо, маводҳои сӯзишворию чарбкунанда, таҷҳизоти газӣ, барқӣ ва дигарҳо, асбобу анҷом, ғайр аз маишию хоҷагӣ, тахтаҳои (пракатҳои) филизоти сиёҳ ва ранга, қубурҳои таиноти гуногун, партовҳои истеҳсолот, маводу ашёҳои ғайрикондитсионӣ ва маснуоти ҳамаи соҳаҳо, ки барои фурӯш ба аҳолӣ истеҳсол карда мешаванд;

г) хӯроки чорво – ба қисми фурӯши онҳо ба аҳолӣ;

д) маснуоте, ки барои истеъмолоти ғайрибозорӣ пешбинӣ шудаанду аммо дар намуди истисно ба молҳои истеъмолӣ (асбобҳои аёнии таълимӣ ва дастгоҳҳои таълимӣ барои мактабҳо, автоматҳои аттрактсионӣ ва бозӣ, дастгоҳҳои тиббӣ ва асбобу анҷом ва ғайраҳо) дохил карда шудаанд.

Молҳои истеъмолӣ, ки аз воридот харида ё аз рӯи амалиёти мубодила ба ивази ашёи хом ва ашёҳо ё ҳаргуна дигар маҳсулот гирифта шудаанд, ба ҳаҷми истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ҳамроҳ карда намешаванд.

9. Истеҳсоли маҳсулот бо ифодаи асл (натуралӣ)

Истеҳсоли маҳсулот дар мафҳуми асл (натуралӣ) дар ҳаҷми пурра якҷоя бо маълумотҳо дар бораи маҳсулоти истеҳсолшуда, ки аз ашёи хоми фармоишгар истеҳсол карда шудааст, инъикос меёбад.

46. Маълумотҳо дар бораи истеҳсолӣ маҳсулот дар мафҳуми асл бояд дар ҳисобот сарфи назар аз он ки бо кадом нархҳо ва корхонаҳои истеҳсоли маҳсулотро истеҳсол кардаанд оварда шаванд: дар асосӣ, ёрирасон (ашёи коркарди дубора) ё ёвар.

Дар ҳисобот маълумотҳо дар бораи истеҳсоли маснуоте, ки ҳамчун аз ашёи хоми аслӣ, чӣ аз партовҳо, чӣ аз маводи корхона, чӣ аз ашёи хом ва маводи фармоишгар истеҳсол карда шудаанд, оварда мешаванд.

47. Маълумотҳо дар бораи истеҳсоли маҳсулот бо ифодаи асл (натуралӣ) бо воҳидҳои ченакие оварда мешаванд, ки мақомоти омори давлатӣ хабар додаанд.

Ҳангоме, ки ду воҳиди ченак пешбинӣ шуда бошад, маълумотҳо дар ҳарду воҳиди ченак бо нишон додани рамзҳои дахлдор оварда мешаванд. Маълумотҳо ҳамчун қоида ба шумораҳои бутун оварда мешаванд. Рақамҳои як аломата ва ду аломата бо як аломати даҳӣ оварда мешаванд.

Тағйирот дар воҳидҳои ченак, инчунин калону хурд (майда) кардани воҳидҳои ченак, ки мақомоти омори давлатӣ хабар додаанд, манъ аст.

48. Дар он ҳолатҳое, ки агар ҳамаи маҳсулот ё як қисми ҳамон намуд аз ашёи хом ва маводи фармоишгар истеҳсол карда шавад, дар он сурат дар шаклҳои ҳисоботи омори давлатӣ маълумотҳо оварда мешаванд:

- ҳамагӣ оид ба намуди маҳсулоти мазкур;

- аз он ҷумла аз рӯи маҳсулоте, ки аз ашёи хом ва маводи фармоишгар истеҳсол карда шудааст.

49. Оид ба намудҳои ҷудогонаи молҳо, ки бо ифодаи арзиш ба ҳисоб гирифта шудаанд (таҷҳизоти мошинсозӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, мебел, зарф, доруворӣ, ва ғайраҳо) маълумотҳо оварда мешаванд:

- ба нархҳои амалкунандаи давраи ҳисобот;

- бо нархҳои муқоисавӣ. Истеҳсоли маҳсулот бо нарххои муқоисавӣ мутобиқи моддаи 34 ҳамин дастурамал муайян карда мешавад.

50. Маснуот бояд дар ҳисобот ба таври ҳатмӣ мувофиқи гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳои дахлдори дар феҳраст муқарраршуда оварда шаванд ва ба ҷамъбасти дахлдори умумӣ, гурӯҳӣ ва зергурӯҳӣ дохил карда шаванд.

51. Агар дар корхона маҳсулоти намуди мазкури соли гузашта истеҳсол карда шуда бошаду аммо истеҳсоли вай дар соли ҳисобот қатъ шуда бошад, дар он сурат дар ҳисобот маълумотҳо дар бораи ин намуди маҳсулот дар сутуни «дар давраи дахлдор аз аввали соли гузашта» оварда мешаванд (дар сутунҳои боқимонда хатак кашида мешавад).

52. Агар корхона маҳсулоти соқитшудаи ғайриқобили истифода, ки худаш тайёр накардааст, барқарор кунад, дар он сурат ин маҳсулот дар маълумотҳо аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти ба мафҳуми асл (натуралӣ) ҳамроҳ карда намешавад.

53. Дар ҳисобот дар бораи истеҳсоли маҳсулот, маснуоте, ки ба меъёр (стандарт) ҷавобгу нест (ба шартҳои техникӣ), аз он ҷумла ба берун савдо шудааст, ҳамроҳ кардани маълумот манъ аст.

10. **Тартиби ислоҳи маълумотҳои ҳисобот.**

54. Агар дар ҳисоботи соли ҷорӣ ҳангоми тафтиш ё дигар мавридҳо таҳрифи маълумотҳои ҳисобот ошкор карда шавад, дар ҳисоботҳои ҳамон моҳи ҳисоб, ки таҳриф содир шудааст ислоҳ дароварда мешавад. Агар дар ҳамон даврае, ки таҳриф содир шудааст, ошкор карда нашавад, ё таҳрифот дар ҳисоботҳои солҳои гузашта ё як қатор солҳо ошкор карда шаванд, ислоҳот метавонад ба худ таъғйироти системаи навиштаҳои муҳосибавиро ҷамъ намояд, ҳамаи ислоҳот ба ҳисоботи якум баъди ошкор намудани таҳриф дохил карда мешаванд.

55. Агар маснуот баъди супурдан ба анбор ва дохил кардан ба ҳисобот оид ба маҳсулот, дар оянда маълум шавад, ки барои истеъмол қобили истифода нест ё меъёр (стандарт) мувофиқат намекунад (шартҳои техникӣ), дар он сурат вай мувофиқи ҳидояту тавсияи мақомоти дахлдор аз ҳаҷми маҳсулот хориҷ карда мешавад.

56. Агар маснуоте, ки аз рӯи гост (шартномаҳои техникӣ) эътироф карда шавад, ки ба коркарди нав мувофиқат намекунанд. Дар он сурат арзиши онҳо ба ҳаҷми маҳсулоти ҳамон давраи истеҳсол кардашудаашон (моҳ, семоҳа, аз аввали сол) ҳамроҳ карда мешавад.

11. **Тадбирҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани тартиботи пешниҳоди ҳисоботи омори давлатӣ.**

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ», моддаи 10 … …… … …… … …… … ……

12. **Хусусияти баҳисобгирии маҳсулот дар соҳаҳои ҷудогонаи саноат.**

12.1. **Истихроҷи канданиҳои фоиданоки сӯзишворӣ ва энергетикӣ**

Ба ҳаҷми ангиште, ки аз конҳо ва қитъаҳо истихроҷ карда шудааст, дар дастгоҳҳое, ки дар тарозӣ (баланси) ин корхонаҳо қарор доранду ба гурӯҳҳо ҷудо кардан, тоза кардани он машғуланд, ҷинсҳои нодаркор, ки аз ангишт ҷудо карда шудаанд ва талафоте, ки дар ҷараёни тозакунии ангишт ба вуҷуд меоянд, ҳамроҳ карда намешаванд.

Дар мавриде, ки корхонаҳои нишон додашуда дар рафти тоза кардан маъдани кӯҳӣ гиранд, дар он сурат онҳо дар бораи истеҳсоли маъдан ва

истихроҷи ангишт, ки вай (бе ягон талафот) гирифта шудааст, ҳисобот медиҳанд.

Маълумотҳо дар бораи истихроҷи нафт (якҷоя бо конденсати газ) ва газ (сарироҳӣ) – ро корхонаҳои истифодакунандаи маъданиёти конҳо, ки иҷозатномаи истихроҷи онҳоро доранд, пешниҳод менамоянд. Дар ин маврид барои ҳамаи миқдори нафти истихроҷ кардашуда (конденсати газ, газ) аз рӯи қитъае, ки иҷозатнома доранд, аз он ҷумла ҳаҷме, ки бо иштироки дигар ташкилотҳои дар ин қитъа иҷозатномаи дахлдор надоранду истихроҷ карда шудаанд, ҳисобот дода мешавад.

Корхонаҳо – иҷоракорон, ки дар мақомоти дахлдори иҷозатномадиҳанда аз қайд гузаштаанд, маълумотҳоро дар бораи истихроҷи нафт мустақилона пешниҳод менамоянд.

Дар маълумотҳои ҷамъбастӣ дар бораи истихроҷи нафт маълумот дар бораи нафти анборӣ ва таҳнишин, ки корхонаҳо дар натиҷаи талафот ҳангоми истихроҷ, ҳамлу нақл, коркард ва нигоҳбонӣ ҷамъ кардаанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

12.2. **Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нушокиҳо.**

1. Ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) ба нархҳои муқоисавӣ, ҷории амалкунандаи корхонаҳо арзиши намудҳои зерини маҳсулоти истеҳсолоти дахлдор, ки ба анборҳо супурда шудаанд ё барои коркарди минбаъда аз сех ба сехи дохили ҳамон корхона ё аз як қисмати сохторӣ ба дигар қисмати сохтории дохили иттиҳодия (арзиши иловагии маснуоти тайёр, ки барои истеҳсоли ин маҳсулот сарф карда шудаанд) дода шудаанд, агар ба якдигар супурдан ё додан аз рӯи нархҳои хориҷшаванда (на бо нархҳои арзиши аслӣ) анҷом дода шаванд:

- маҳсулоти сехҳои қассобӣ – гӯшттақсимкунии корхонаҳои истеҳсоли гӯшт;

- гӯшт (аз ҷумла гӯшти мурғ), каллапоча, чорбуи хом, чарбуи доғ кардашуда, рӯдаю шикамба барои истеҳсоли маҳсулоти калбаса, консерваҳо, самбусаҳо, нимтайёри гӯштин, маснуоти ошпазӣ ва гӯшт барои таҳияи блокҳои гӯштин, агар ин блокҳои гӯштин дар берун савдо шаванда ё аз як қисмати сохторӣ ба дигар қисмати сохтории ҳамон иттиҳодия дода шаванд:

- сумалаки ҷав барои истеҳсоли пиво

- таркиботи «Лимонад» ва шарбатҳои ситрусӣ барои истеҳсоли нушокиҳои беспирт;

- ангидриди карбон барои истеҳсоли нӯшоркиҳои беспирт, пиво, обҳои маъданӣ

- консентрати хамираи квас барои истеҳсоли кваси нонӣ;

- сабус барои истеҳсоли еми чорво дар иттиҳодияҳои хӯроки чорво;

- консентрати карбомид барои истеҳсоли ему хӯроки чорво ва иловаи сафедаю витамин дар корхонаҳо;

Ба ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои бисёрсоҳа оид ба истеҳсоли молҳои саноатӣ илова ба арзиши маҳсулоти тайёр ҳамчунин арзиши зерин ҳамроҳ карда мешавад:

- оҳари (крахмали) хушк барои истеҳсоли консентратҳои хӯрокворӣ;

- сирко барои истеҳсоли консерваҳо;

- тезоби шарбати 1б – барои истеҳсоли шароб (вино) ва нӯшокиҳои беспирт;

- пюреи меваю буттамеваи сулфитонидашуда барои истеҳсоли консерваҳо (повидло);

- маҳсулоти аз меваю сабзавот истеҳсолшуда (сукатҳо, пӯстҳои шакарпарварди, мева, масс, лимӯ, харбуза), (шарбати меваю буттамева, мева ва буттамеваҳои хӯшонидашуда, шираҳои меваю буттамева ва ғайраҳо) барои истеҳсоли маснуоти қаннодӣ ва консерваҳои меваю сабзавот.

2. Ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) бо нархҳои муқоисавӣ ва яклухти ҷории корхонаҳои саноати винопазӣ (шаробпазӣ) арзиши зерин ҳамроҳ карда мешавад:

2.1. Шаробҳои тайёри ангурӣ ва меваи буттамева, конякҳо, машруботи дараҷаашон баланд аз ангуру мева ва спирти нӯшокӣ (хӯрданӣ), ки дар шишаҳо ва баллонҳо ё бочкаҳо ғунҷонида мешаванд, шарбати ангур ва себ дар бутилкаҳои шиша ё балонҳо, шалтан, сиркаи ангур ва ошхона, шароб – кислотаи силикат;

2.2. Маводҳои шампан, коняк ва шароб (вино), ки аз маводи ангур ва меваю буттамева, маводи спирту вино ва сулфитонидашудаи шарбатҳои меваю буттамева кор кардашуда, конякҳо ва машруботи дараҷаашон баланди кор кардашуда, спиртҳои коняк ва мевагӣ, ки ба хориҷи корхона, иттиҳодияи истеҳсолӣ бароварда шудаанд.

Маводҳои аз ангур ва меваю буттамева, аз шарбату спирт ва сулфитикунонидашуда, шарбатҳои меваю буттамева, шарбату маводи шароб ҳамон вақте ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки маҷмӯи пурраи коркарди технологиро, ки намудҳои мазкури маводҳои шароб ва мутобиқи дастурамалҳои муқарраркардаи технологӣ гузаштаанд.

2.3. Спиртҳои мевагӣ ва конякҳо, шарбатҳои истеҳсол истеҳсолкардашуда барои тобоварии ангури хушк ва маводҳои мевагии шаробворӣ барои хуштаъм шудани консентратҳои шарбати ангуру меваҳо, ҷавҳарҳои меваю буттамеваҳо, сумолаи ангур, спирти хоми ангур ва мевагӣ, спирти рекфиконидашудаи ангуру мевагӣ, спирти муқаттар (соф кардашуда), шароби оҳаки туруш ва маҳсулоти аз партовҳои шаробпазӣ.

Маҳсулоти зикршуда ба ҳаҷми маҳсулот бо нархҳои ҷорӣ баъди ба хориҷи корхона баровардан ҳамроҳ карда мешавад, ба ҳаҷми маҳсулот бо нархҳои муқоисавӣ дар марҳалаи тайёр шудан ҳамроҳ карда мешавад.

2.4. Маводҳои коркардаи шаробҳои меваю буттамевае, ки аз шарбатҳои спиртӣ ва шарбатҳои сулфитиконидашуда, ҷавҳарҳои меваю буттамеваи аз берун гирифташуда кор карда шудаанд, ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) бо

нархҳои муқоисавӣ ва бо нархҳои яклухти ҷорӣ аз рӯи арзиши кор бе ба ҳисобгирии арзиши шарбатҳои аз берун гирифташуда ҳамроҳ карда мешаванд.

3. Ғайр аз ин, танҳо ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) бо нархҳои яклухти муқоисавии корхонаи саноати шаробпазӣ ҳамроҳ карда мешаванд:

3.1. Арзиши маводҳои коркардашудаи шаробӣ (хушк ва дарахаашон баланд кардашуда), тайёрие, ки дар лаҳзаи барои аввал аз як зарф ба зарфи дигар рехтан (гирифтан аз хамирмоя) маводҳои шаробҳои мевагӣ, шарбатҳои спиртшуда, сумалаи ангурӣ барои консентратҳо ва шарбати ангурӣ, шарбатҳои меваҳо, ҳамчунин шарбатҳои сулфитикунонидашуда дар мавриди мавҷуд будани иҷозати истифодаи онҳо.

Тайёр будани дараханокии маводҳои шаробҳои меваю буттамева, шарбатҳои спиртонидашуда ва спирти дар лаҳзаи спирткунонӣ муайян карда мешавад, маводҳои хушки шаробовари мевагию буттамева бошад, дар лаҳзаи бори аввал аз як зарф ба зарфи дигар рехтан (гирифтан аз хамирмоя) муайян карда мешавад.

3.2. Арзиши муқовимати шароб, спиртҳои коняк ва мевагӣ, маводҳои шароби шампан.

4. Ҳамаи маҳсулоти боқимонда (спирти этилӣ, арақ, маснуоти арақу лекёрӣ, шароби себ, зарфи шароб, сандуқҳо ва ғайраҳо), ки корхонаҳои саноати шаробпазӣ истеҳсол менамоянд, ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) дар асоси қоидаҳои умумӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Дар корхонаҳои саноати шаробпазӣ, арзиши спирти хоми истеҳсоли худӣ, ки барои арақ ва маснуоти лекёру арақ истеҳсол карда шудааст, Ҳамчунин арзиши кор аз рӯи ректификатсияи спиртӣ нишон додашуда бошад, ба ҳаҷми маҳсулоти (кору хизмат) арзиши ифодаи араќи тайёр ва маснуоти лекёру арақ ҳамроҳ карда намешаванд.

5. Корхонаҳое, ки ҷудо ва бастабандӣ, ба борҷомаҳо рехтани маҳсулоти (ғайр аз шароб) истеҳсоли худӣ машғуланд, ё аз дигар тараф гирифташуда, ки ҳатто пулаш пардохта шудааст, ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсоли (кору хизмат) бо нархҳои муқоисавӣ ва ҷорӣ на танҳо арзиши корҳои иҷрошуда оиди ҷо ба ҷокунӣ ва ба зарфҳо рехтану истифодаи маводи ёрирасон, балки ба арзиши маҳсулоти тайёр ҳамроҳ карда мешаванд.

Ба тартиби истиснои корхонаҳое, ки ҳина, усма, чой, гӯшт (аз ҷумла гӯшти мурғ) ва каллапочаҳо ҷо ба ҷо ва бастабандӣ мекунанд, ба ҳаҷми маҳсулот ба нархҳои муқоисавӣ ва ҷории корхонаҳо арзиши пурраи маснуоти қоғазпеч кардашуда ҳамроҳ мешавад.

Ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) арзиши тоқатҳои истеҳсоли худӣ, ки барои қоғазпеч кардани орд, ярма, қанд ва дигар маҳсулот (изофа аз нархҳои ҷорӣ барои маҳсулоти тайёр ва изофагӣ бо ин маҳсулот барои қоғазпеч кардан) истифода мешаванд, ҳамроҳ карда намешаванд.

6. Дар саноати гӯшт бо ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) ба нархҳои муқоисавӣ ва ҷории корхона арзиши гӯшти истеҳсол кардашуда дар тарози

ҷуфт, яъне аз рӯи вазн дар мавриди аз сехи ҳисобӣ ба сехи тақсимот супурдан, аз сехи тақсимот ба амбори фурӯш, ба яхдон ё ба дигар сех супурдан ҳамроҳ карда мешавад.

7. Ба ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ маълумот дар бораи гӯшти гирифташуда аз куштани чорво ва мурғ танҳо дар корхонаҳои саноатӣ (дар ҳиссобхонаҳо ё дар майдонча ё ҷогиҳои қассобии махсус таҷҳизонидашуда) ҳамроҳ карда мешавад. Дар таҳти мафҳуми корхонаи саноати қассобӣ ё майдончаи кӯшиши чорво, бинои истеҳсоли таҷҳизонидашудаи ҷудокардашуда фаҳмида мешавад, ки барои иҷро намудани амалиёти истеҳсолӣ оид ба кӯшиши чорво ва мурғ, майда кардан ва ҷамъ кардани гӯшт бо дастгоҳҳои дахлдор муҷаҳаз карда шудааст, пеш аз қассобӣ муоинаи покизагии байторӣ барои санҷиши минбаъдаи гӯшт, ҳамчунин баҳисобгирии масраф ва истеҳсоли гӯшт ба амал баровarда мешавад.

Хоҷагие, ки корхонаи махсус таҷҳизонидашуда ва майдончаи қассобӣ оид ба куштани чорво ва мурғ надошта бошад, ба фаъолияти саноатии миқдори гӯшт, ки аз куштани чорво ва мурғ дар бинои махсус таҷҳизонидашуда ва дигар майдончаҳои корхонаи кишоварзӣ (бе шароити мусоид) гирифта шудааст дохил карда мешавад.

8. Ба маҳсулоти ширӣ танҳо истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ки аз коркарди саноатӣ (хунук кардан, тасфия (филтр) кардан, стерилизатсия ё пастеризатсия) гузаштааст, дохил карда мешавад.

Ба маълумотҳо дар бораи истеҳсоли саноатии маҳсулоти ширӣ шире, ки барои макондани гусола ё барои фурӯш дар бозорҳо бе коркарди саноатӣ истифода шудаанд, дохил карда намешавад.

9. Консерваҳо дар ҳамин вақте ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки стерилизатсия ва хунук карда шуда бошанд, агар онҳо пурра ба меъёрҳои (стандартҳои) амалкунанда мутобиқат кунанд ва бо шартҳои техникӣ тасдиқ шуда бошанду ба амборхонаҳои маҳсулти тайёр бо тамға ва бе тамға супурда шуда бошанд. Дар маълумотҳои ҳисобот оид ба маҳсулот консерваҳои тайёр, ки дар давраи ҳисобот бо тарҳи дар ин давра истиқоти ошкоршуда истеҳсол карда шудаанд, дохил карда мешаванд.

12.3.**Истеҳсолоти насоҷӣ.**

1. Ба нахи пахта пахтаи тоза ва наддофӣ кардашуда (аз ҷумла нахи наддофӣ ва дигар партовҳои пахта), ки дар мавриди тоза ва наддофӣ ғиозҳои пахта ҷудо шудаанд, новобоста аз таҳияи он барои калоба ҳамроҳ карда мешавад.

2. Нахи пашми тоза ва наддофӣ кардашуда, ки барои фурӯши чакана бастабандӣ ё тоза карда шудааст, ба нахи пашми аз маҳин ва доғали дастгоҳи қалобарасӣ ё шонакардашуда ҳамроҳ карда мешавад.

3. Калобаи ҳамаи намудҳо ба ҳаҷми маҳсулот (аз рӯи санҷиши вазни кондитсионӣ) дар ҳамон ҳолате ҳамроҳ карда мешавад, ки агар вай барои фурӯши чакана таъин шуда бошад.

4. Ба маснуоти кашбофии мошинӣ ё даст бофӣ гурӯҳҳои зерин дохил карда мешаванд:

- маснуоти ҷуробу пайпоқ (колготиҷо, чолвор, поҷомаҳои занона, пайпоқҳо ва дигар маснуоти ҷуробӣ) кашбофии занона ва дастбоф;

- свитерҳо, ҷемперҳо, пироҳанҳои кашбофӣ, яктакҳои кашбофӣ, камзулчаҳо ва ба ҳамин монанд маснуот кашбофии мошинӣ ва дастбоф;

5. Ба ҳаҷми маҳсулот ба нархҳои муқоисавӣ амалкунанда арзиши намудҳои зерини хизматрасонӣ оид ба рангубори маснуоти насоҷҷӣ ҳамроҳ карда мешавад:

- хизмат оид ба рангмолии наҷу калоба;

- хизмат оид ба сафедкорӣ ва рангу бори матоъҳо;

- хизмат оид ба гулзании матоъҳо, ҳамчунин гулдузӣ кардани маснуи харида ё гулдузии маснуот мувофиқи фармоиши беруна.

6. Ғоз ва нахи канабу канаф маҳсулоти тайёр ҳисобида шуда ҷӣ ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат), чӣ ба истеҳсоли маҳсулот бо ифодаи натуралӣ дохил карда мешаванд, дар ҳолате, ки ҳамчун тон фишор додашуда, ба анбор маҳсулоти тайёр супурда шудаанду аз ташхиси лаборатория гузаштаанд, ба навъ ҷудо карда, тамға зада, бо ҳуҷҷатҳои дахлдор ҳуҷҷатӣ карда шудаанд.

7. Арзиши тағйироти бақияи партовҳо ва риштаҳои хом дар корхонаҳои саноатӣ пашм ба ҳаҷми маҳсулот ҳамроҳ карда намешаванд.

12.4. **Истеҳсолоти дузандагӣ.**

Дар истеҳсолоти либосҳо намудҳои гуногуни либосҳои мардона, занона, корӣ ва болопӯш, либосҳои зӯрпироҳанӣ, либосҳои кӯдакони синамак, лавозимоту асбобу анҷоми хос ва қисмҳои либосҳо аз маводи гуногун: дӯхтаю бофта, нодӯхтаю нобофта, чармин ва кашбофӣ дохил карда мешаванд.

Ба «либосҳои кӯдакон ва лавозимоти онҳо» либосҳои кӯдакони қадашон назиёда 86 см ва синни то 18 моҳа, инчунин плёнкаҳои кӯдакона ва дигар лавозимот тааллуқ доранд.

12.5. **Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ.**

1. Ба ҳаҷми маҳсулот бо ифодаи арзиши заводҳое, ки хишт, блокҳои калон ва лавҳаҳои виброҷиштӣ аз хишти тайёркардаи худашон истеҳсол мекунанд, арзиши блокҳои хиштӣ ва лавҳаҳои виброҷиштии тайёр кардашуда, ҳамчунин арзиши хиштӣ ба дигар тараф хориҷкарда ҳамроҳ карда мешавад. Арзиши хиштӣ барои истеҳсоли блокҳо ва лавҳаҳо масрафшуда, ба ҳаҷми маҳсулот дохил карда намешавад.

2. Корхонаҳое, ки блокҳои калон ва лавҳаҳои виброхиштӣ аз хишт истеҳсол мекунанд ва аз дигар тараф гирифта шудаанд, ба таркиби ҳаҷми маҳсулот бо ифодаи арзиши пурраи блокҳо ва лавҳаҳои тайёр кардашуда ҳамроҳ карда мешаванд.

3. Заводҳое, ки хишт, блок ва лавҳаҳои виброхиштӣ истеҳсол мекунанд, ба истеҳсоли хишт бо ифодаи натуралӣ ҳамаи миқдори хишти истеҳсол кардашуда, сарфи назар аз он ки вай барои истеҳсоли блокҳои хиштӣ,

лавҳаҳои виброхишт ё барои хориҷ кардан ба дигар тараф таин шудаанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

12.6. **Истеҳсоли мошинолот, васоити электронӣ, дастгоҳҳои оптикӣ ва нақлиёт.**

1. Дар заводҳои мошинсозӣ, ки маснуот истеҳсол мекунанд, ба маҷмӯи онҳо дастгоҳҳои аз дигар тараф гирифташуда, ғайр аз корхонаҳое, ки дастгоҳҳои тайёр истеҳсол мекунанду ба ҳайати маҷмӯии хатҳои технологӣ (ҷо ба ҷо гузории дастгоҳ) дохил мешаванд, арзиши ин маснуот ба ҳаҷми маҳсулот бо нархҳои муқоисавӣ ва ҷорӣ ба тартиби зайл ҳамроҳ карда мешаванд:

- агар нархи хориҷшаванда бо ҳамроҳ кардани арзиши дастгоҳҳои маҷмӯъкунанда аз дигар тараф гирифта шудааст муқаррар карда шуда бошаду маҳсулот мувофиқи дархости фармоишгар бо дигар навъи иҷро хориҷ карда шавад, дар он сурат ҳангоми муайян намудани ҳаҷми маҳсулот зарур аст, ки маҳсулоти амалии маҷмӯъкунанда ба назар гирифта шавад.

2. Маҳсулоте, ки аз маҳсулоти маҷмӯъкунандаи харидашуда ё нимтайёр тайёр карда шуда бошанд, ба ҳаҷми маҳсулот бо назардошти арзиши маснуоти маҷмӯъкунандаи харидашуда, нимтайёр, ки барои истеҳсоли ин маснуот сарф карда шудаанд, ҳамроҳ карда мешаванд.
Дар он мавриде, ки агар корхона васлкории дастгоҳҳои (устохонаҳои механикӣ сайёр, дастгоҳҳои механикӣ, ошхонаҳо, автоямбурҳо, бурҷҳои телескопӣ, хонаҳо ё сайёри рентгенӣ ва ғайраҳоро) анҷом диҳад, дар ин маврид мошинҳои автомобилӣ, тракторҳо, ядакҳо, дастгоҳҳо, таҷҳизот, асбобу анҷоми аз дигар тараф гирифтаашро истифода мебарад, дар он сурат ба ҳаҷми маҳсулот арзиши аз дигар тараф гирифтаи автомобилҳо, тракторҳо, ядакҳо ва асбобу анҷом ҳамроҳ карда намешавад, ҳатто агар арзиши ба нархҳои яклухт барои маҳсулоти тайёр (устохонаҳои механикӣ сайёр, хонаҳо ё автомобилҳои рентгении сайёр ва ғайра) дохил ҳам шаванд. Баъди фурӯши маҳсулоти тайёр арзиши мошинҳои автомобилӣ, тракторҳо ва ғайраҳо дар ҳисоби муҳосибавӣ инъикос карда мешавад ва ҳисобот дар бораи фурӯши дигар ашёи қимматбаҳо навишта мешаванд.

3. Ба ҳаҷми маҳсулоти (бо нархҳои муқоисавӣ) заводҳои мошинсозӣ ва таъмиркунӣ ва корхонаҳои оид ба истеҳсоли конструктсияҳои филизӣ ба шарте, ки давомнокии доираи (сикли) истеҳсолӣ (аз рӯи технологияи муқарраршуда) оид ба қисми маҳсулоти афзалиятнок бештар аз ду моҳро ташкил намояд, афзоиш (бо аломати ҷамъ (+) агар зарар (бо аломати тарҳ (-) боқимондаи истеҳсолоти нотамом ҳамроҳ карда мешавад.

Он маҳсулоте истеҳсоли нотамом ҳисобида мешавад, ки дар сехҳои ҷудогонаи истеҳсолӣ тайёр нашудааст, ҳамчунин маҳсулоте, ки истеҳсолаш хотима ёфтаасту аммо барои санҷиши ОТК ҳамчун маҳсулоти тайёр ба анбор супурда нашудааст.

4. Арзиши тағироти боқимондаҳои истеҳсолоти нотамом, афзоиш (ё зарар) ба ивази афзоиши (ё зарари) боқимондаҳои нимтайёри худӣ

истеҳсолот ҳисоб карда мешавад. Мувофиқи ин ба афзоиши (ё зарари) истеҳсолоти нотамом афзоиши (ё зарари) қисмҳои боқимондаҳо, порчаҳо, механизмҳо ва дигар маҳсулоти нимтайёри истеҳсоли худӣ, ки барои истифодаи минбаъдаи истеҳсоли дар ҳамон корхонаҳо таъин шудаанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

Ба истеҳсолоти нотамом дохил кардани арзишҳои зерин манъ карда мешаванд:

- арзиши ашёҳо ва маводҳои нимтайёри харидашуда, ки ба коркарди корхонаи мазкур гирифтор нашудаанд, ҳатто агар онҳо аз амборхона ба сех оварда шуда бошанд ҳам;
- исқоти ислоҳнашаванда;
- нархҳои оид ба таҳия ва таъмири асбобу анҷомҳои истифодаи умум, ки дар ҳайати воситаҳои гардиши корхона ба ҳисоб гирифташуда, корҳои оид ба таъмири асосӣ ва ҷории дастгоҳҳо ва воситаҳои нақлиёти худи корхона, корҳои оид ба васлкории дастгоҳҳо, корҳҳои сохтмон ва дигарҳо ки хусусияти саноатӣ надоранд.

5. Арзиши афзоиши (зарари) истеҳсолоти нотамомро дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии мустақими истеҳсолоти нотамом бо ифодаи натуралӣ ва арзёбии мустақим бо нархҳои амалии ҷорӣ муайян кардан лозим аст. Вобаста ба шароити мушаххаси арзиши афзоиши (зарари) боқимондаҳои истеҳсолоти нотамом бо усулҳои гуногун чӣ ба воситаи баҳисобгирии мустақим бо роҳи барӯйхатгирии боқимондаҳои истеҳсолоти нотамом ё ба ҳисобгирии муффасали амалиётӣ, чӣ дар асоси маълумотҳои дар бораи арзиши аслии истеҳсолоти нотамом оид ба намудҳои ҷудогонаи маҳсулот бошад, аз рӯи фоизи омодагии техникӣ ҳисоб карда шуда метавонад.

6. Бо назардошти хусусияти истеҳсолоти таъмир дар корхонаҳои оид ба таъмиру хадамоти техникӣ техникаи кишоварзӣ, ба тартиби ақибмонӣ аз усулҳои заводӣ ба ҳаҷми маҳсулот бо нархҳои муқоисавӣ арзиши қисмҳо, порчаҳо ва қисмҳои эҳтиётии тайёр кардашуда ва барқарор кардашуда ба онҳо барои эҳтиёҷоти худӣ ҳамроҳ карда мешавад.

7. Корхонаҳое, ки қисмҳо, порчаҳо ва қисмҳои эҳтиётии фарсудашударо барқарор ва истеҳсол менамоянд, аз ҷумла корхонаҳои махсусгардонидашуда оид ба таъмири мошинҳои кишоварзӣ, ки ин қисмҳо, порчаҳо фарсудашуда ва қисмҳои эҳтиётиро барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ истифода мебаранд, дар ҳисобот оид ба маҳсулот маълумотҳоро дар бораи барқароркунии қисмҳои эҳтиётӣ ва порчаҳоро аз рӯи нархҳои амалии фурӯш меоваранд.

12.7. **Истеҳсол ва тақсими қувваи гармӣ ва барқ буғ ва оби гарм.**

Корхонаҳое, ки қувваи барқ ва гармӣ истеҳсол мекунанд, ба ҳаҷми маҳсулот (кору хизмат) ба нархҳои хориҷкунандаи корхона арзиши қувваи барқ ва гармӣ, ки барои эҳтиёҷоти истеъмолии нерӯгоҳҳои барқӣ ва дегхонаҳо, инчунин талафоти технологии нерӯгоҳҳои барқӣ ва шабакаҳои гармирасонӣ ҳамроҳ карда намешавад.

Шабакаҳои барқӣ ва гармирасонӣ дар тарози (баланси) мустақил, ки ба истеъмолкунандаҳои қувваи барқ ва гармӣ, ташкилотҳои харидор ва таъминкунандаи қувваи барқу гармирасон, ба ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ арзиши қувваи барқ ва гармӣ, инчунин арзиши хизматрасониро оид ба интиқоли онҳо ба истеъмолкунандаҳо, ба истисноии талафот дар шабакаҳо ҳамроҳ менамоянд.

Дар ҳолате, ки агар шабакаҳои нишондодаи қувваи барқ ва гармирасонӣ нахаранду танҳо оид ба интиқоли онҳо ба истеъмолкунандаҳо хизмат расонанд, дар он сурат ин шабакаҳо танҳо дар бораи арзиши хизматрасонӣ оид ба интиқоли қувваи барқ ва гармирасонӣ (бе арзиши қувваи барқ ва гармӣ) маълумот меоваранд.

Корхонаҳое, ки ба як қатор кадоме аз фаъолияти истеҳсоли қувваи барқ ва гармӣ ва хориҷ намудани онҳо ба берун машғул мешаванд, ба арзиши маҳсулот арзиши ба хориҷ баровардани маҳсулоти ишорашудаи истеҳсоли худ ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми маҳсулот ба нархҳои ҷории хориҷкардаи корхона, баҳои қувваи барқ ва гармӣ аз рӯи таърифаи бавуҷудомадаи амалӣ анҷом дода мешавад (бе андоз ба арзиши изофӣ).

X X X

Нисбати қабул шудани ҳамин дастурамалҳо, «Дастурамали намунавӣ ва нишондоди методикӣ оид ба саноат», ки Комитети давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори №11 аз 20 июли соли 2004 тасдиқ карда шуда буд, аз эътибор сокит дониста шавад.